ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Эҳсон Хуршед Рӯзибой дар мавзуи «Ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ. – Душанбе, 2026.

Адабиёти форсии тоҷикӣ дар тули таърихи чандинҳазорсолаи худ бо ғановати забонӣ, умқи андеша, гуногунрангии шаклҳои бадеӣ ва имконоти васеи забону тасвир мақоми хоссаеро дар тамаддуни ҷаҳонӣ соҳиб гардидааст. Дар ин миён, сабки ҳиндӣ ҳамчун яке аз равияҳои муҳимми инкишофи шеъри классикӣ бо мураккабии маъно, тозагии хаёл, таносубҳои ғайримаъмулии сухан ва фаровонии тасвирҳои наву муассир дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ мақоми махсус дорад. Мирзо Абдулқодири Бедил яке аз намояндагони барҷастаи ин сабк буда, дар ғазалиёти ӯ имконоти маъноӣ ва бадеии забон ба сатҳи баланди ҳунарӣ расидаанд. Шоир бо сабку сиёқи хоссаи худ дар жанру қолабҳои гуногун андешаҳои иҷтимоӣ, ирфонӣ ва фалсафии худро ба таври шоиста инъикос кардааст. Ғазал аз жанрҳои пуркорбурд ва фарогири ашъори ӯ буда, шоир дар онҳо аз санъатҳои лафзию маънавӣ ва шеваҳои дигари бадеӣ ба таври фаровон истифода кардааст. Аз ин ҷиҳат, таҳқиқи ҷойгоҳи санъатҳои бадеӣ дар ғазалиёти Бедил яке аз масъалаҳои муҳимми хоса бедилшиносӣ ва адабиётшиносии тоҷик дар умум ба шумор меравад.

Ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ ҳамчун ду санъати нисбатан камтаҳқиқ дар ғазалиёти Абдулқодири Бедил ҷойгоҳи муҳим ва сабксоз доранд. Донишманди эронӣ Шафеии Кадканӣ, барҳақ, дар китоби “Шоири оинаҳо” ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоиро аз санъатҳои аслӣ ва пуркорбурди ғазалиёти Бедил донистааст. Бо ин ҳол, то кунун ҷойгоҳи санъатҳои ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил ба таври ҷудогона ва муфассал мавриди таҳқиқ қарор нагирифта буд. Бинобар ин, мавзуи диссертатсияи Эҳсон Хуршед Рӯзибой – «Ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил» – аз лиҳози назарию амалӣ мубрам буда, барои густариши доираи таҳқиқоти илмӣ дар самти бедилшиносӣ дар адабиётшиносии тоҷик мусоидат хоҳад кард.

Аз муҳтавои автореферат бармеояд, ки диссертант дар заминаи омӯзиши осори назариявии марбут ба бадеъ, сабкшиносӣ ва таҳлили илмӣ кӯшиш намудааст, ки моҳияти ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоиро муайян карда, хусусиятҳои корбурди онҳоро дар ғазалиёти Бедил ба таври низомманд баррасӣ намояд. Афзалияти таҳқиқ, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки

муаллиф ба таҳлили мушаххаси намунаҳои ашъори шоир такя намуда, хусусиятҳои балоғӣ, сохторӣ, маъноӣ, навъҳо ва вазифаи услубию сабксозии воситаҳои мавриди назарро муайян кардааст.

Дар муқаддима нахуст аҳаммияти мавзуи таҳқиқ асоснок гардида, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ шарҳу тавзеҳ ёфтааст. Сипас, мақсаду вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгонии кор ва аҳаммияти назарию амалии он хеле мушаххас ва мутобиқ ба меъёру талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон матраҳ гардидаанд. Сарчашмаҳои асосии таҳқиқи довталаби дараҷаи илмиро асосан ду чопи илмӣ-интиқодии ғазалиёти шоир "Девони Бедили Деҳлавӣ" (тасҳеҳи Акбари Беҳдорванд, дар ду ҷилд) ва "Куллиёти Бедил" (тасҳеҳи Баҳман Халифа Баноравонӣ, ҷилди аввал дар ду бахш) ташкил дода, ба методҳои таҳқиқи таърифӣ, тавсифию оморӣ, шарҳу тафсир, таҳлили матни бадеӣ (таҳлили дохиликатнӣ) ва сохторию семантикӣ такя карда шудааст.

Боби аввали диссертатсия "Асосҳои назарии ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ" номгузорӣ шуда, чор фаслро дар бар мегирад. Дар фасли аввал – "Пешинаи пажуҳиши ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ" – доир ба сабабҳои вуҷуд надоштани ин ороятҳо дар балоғати суннатии форсӣ, нахустин пажуҳишҳо дар мавриди ин падидаҳо дар адабиётшиносии ҳамзабонон ва Тоҷикистон баҳс шудааст. Дар фасли дуюм, ки зери номи "Шинохти истилоҳи «ҳиссомезӣ»" омадааст, доир ба таърих ва моҳияти ин истилоҳ дар Аврупо ва дар забони форсии тоҷикӣ, инчунин ҷойгоҳи он дар назарияҳои суратгароёни рус ҳамчун В. Б. Шкловский, Р. О. Якобсон, Ю. Н. Тинянов сухан рафтааст. Фасли сеюми ин боб ба "Шинохти истилоҳи «мутаноқизнамоӣ» ихтисос дошта, мутаноқизнамоӣ аз нигоҳи истилоҳию луғавӣ, таърифҳои гуногуни он аз ҷониби муҳаққиқон, фарқи он аз тазод баррасӣ шудааст. Дар ҳамин бахш муаллиф тафовути мутаноқизнамоиро аз тазод ҷолиб ва дақиқ чунин баён кардааст: "Фарқи аслии мутаноқизнамоӣ аз тазод дар он аст, ки дар мутаноқизнамоӣ ду сифати мутаноқиз ё носозгор барои як чиз ё шахс ҳамзамон оварда мешавад, аммо дар тазод сифатҳо ё исмҳои мутазод дар муқобили ҳам қарор мегиранд" [автореферат, с. 18]. Дар фасли чоруми ин боб ("Ҷойгоҳи ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар шеъри классикии форсии тоҷикӣ") зикр шудааст, ки намунаҳои ин санъатҳои бадеӣ дар асрҳои IX-X-мелодӣ нисбатан камтар буда, дар асрҳои минбаъда зиёдтар мегарданд ва дар ашъори Мирзо Абдулқодири Бедил "аз нигоҳи басомад ва камоли ҳунарӣ ба нуқтаи авҷи худ мерасанд" [автореферат, с. 19].

Боби дуюми диссертатсия “Баррасии ҳиссомезӣ дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил” унвон гирифта, аз се фасл иборат аст. Фасли аввал “Вижагиҳои корбурди ҳиссомезӣ дар ғазалиёти Бедил” ном дошта, дар навбати худ шомили се зерфасл мебошад. Дар зерфасли аввал сохтори ҳиссомезӣ, дар зерфасли дуюм вежагиҳои балоғӣ ва дар зерфасли сеюм хусусиятҳои маъноии ҳиссомезӣ дар ғазалиёти Бедил ба баррасӣ гирифта шудаанд. Фасли дуюми боби дуюм “Тақсимбандии ҳиссомезӣ бар асоси таркиби ҳисҳо дар ғазалиёти Бедил” номгузорӣ шуда, доир ба анвои нуҳгонаи ҳиссомезӣ аз нигоҳи ду тарафи таркиб дар ғазалиёти Бедил, аз ҷумла, 1) биноӣ-шунавоӣ; 2) биноӣ-бӯёӣ; 3) биноӣ-чашоӣ; 4) биноӣ-ломиса; 5) шунавоӣ-чашоӣ; 6) шунавоӣ-бӯёӣ; 7) шунавоӣ-ломиса; 8) бӯёӣ-ломиса; ва 9) бӯёӣ-чашоӣ баҳс карда, барои ҳар кадом шоҳиди шеърии муносиб ва дуруст оварда шудааст. Дар ин бахши кор диққату тааммулоти илмию таҳқиқии муаллиф қобили таҳсин буда, аз ҷустуҷӯҳои амиқ ва заҳмати фаровони ӯ дарак медиҳад. Дар фасли сеюми ин боб “Ҳиссомезӣ – ҷузъи муҳимми сабксоз дар ғазалиёти Бедил” ба ин санъат ҳамчун падидаи сабксоз нигоҳ карда шудааст.

Боби сеюми диссертатсия зери номи “Баррасии мутаноқизнамоӣ дар ғазалиёти Бедил” омада, аз ду фасл иборат аст. Фасли аввал “Вижагиҳои корбурди мутаноқизнамоӣ дар ғазалиёти Бедил” унвон ёфта, аз се зерфасл иборат аст. Дар зерфаслҳо ба таносуби мутаноқизнамоӣ бо дигар санъатҳо ва шигардҳои пуркорбурди ғазалиёти шоир, сохтори он, мазмунҳои меҳварӣ пардохта шуда, дар фасли дуюми ин боб вижагиҳо ва сабабҳои унсури сабксоз будани мутаноқизнамоӣ дар ғазалиёти шоир ба риштаи таҳқиқи илмӣ кашида шудааст.

Дар баробари дастовардҳо дар автореферати диссертатсияи Эҳсон Хуршед Рӯзибой баъзе норасоиҳо ба назар расиданд, ки ислоҳи онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Ба мақсад мувофиқ мебуд, ки ба фасли чоруми боби якум, ки фишурда оварда шудааст, як ё ду банди дигар илова карда шавад, то мазмуну моҳияти ин фасл бештар равшан гардад.
2. Беҳтар аст, ки имлои “вежа” ва “вижа”, ки гоҳе ба ҳар ду шакл омадааст, ба шакли ягона оварда шавад.
3. Муъҷазтар намудани қисмати «Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ» ба мақсад мувофиқ аст.

Эродҳои мазкур бештар хусусияти тавсиявӣ дошта, ба арзиши автореферат таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва зуд ислоҳпазиранд.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Эҳсон Хуршед Рӯзибой дар мавзуи «Ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил» мазмуну муҳтавои асосии таҳқиқотро инъикос намуда, аз анҷом ёфтани пажуҳиши мустақилонаи илмӣ шаҳодат медиҳад. Он ба ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ мебошад.

Муқарриз:
доктори илмҳои филологӣ,
сарходими илмии шуъбаи адабиёт ва фолклори
Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик
Б.Искандарови АМИТ Абдулназарзода А.А.
26-уми октябри соли 2026.

Нишонӣ: 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ВМКБ,
ноҳияи Роштқалъа, ҷ.Гадолиев, д.Курсбоғен
Тел.: (+992) 93-406-08-04.
E-mail: abdulnazar9416@mail.com

Имзои доктори илмҳои филологӣ, Абдулназарзода
Абдулназар Абдулқодирро тасдиқ мекунам:
Нозири калони кадрҳои Институти илмҳои гуманитарии
ба номи академик Б.Исканарови АМИТ Искандаршоева З.К.

Нишонӣ: 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хоруғ, кучаи Иҷубов 95/1
Тел.: (+992) 934541166.
E-mail: dilya.04.11@mail.ru
26-уми октябри соли 2026